# Зиндагинома[вироиш]

Соли таваллудаш номаълум, соли вафоташ 1711. Сайидо дар шаҳраки Насаф таваллуд шуда буд. Ӯ аз хурдӣ истеъдоди хуби шеъргӯйи дошт. Аз ҳамин сабаб падараш Миробид фарзандашро ба шаҳри Бухоро барои илмоӯзӣ фиристод. Муаллифи девони ғазалиёт ва «Баҳориёт» мебошад. Дар ашъораш норозигӣ аз сатҳи иҷтимоияш бисёр во мехӯрад. Ғазалҳои ишқии бисёре низ сурудааст. Намунае аз эҷодиёти ӯ:

Дар дили мо гар намеоӣ ба чашми мо биё.
Аз муҳит андеша дорӣ бар лаби дарё биё.
Хок бар чашмам занад наззора ҳамчун гирдбод
Эй насими пираҳан аз домани саҳро биё
Аз тапидан рехт зери дом болу пар маро,
Бар сари сайди худ эй сайёди бепарво биё
Синаро чун лола аз доғат чароғон кардаам,
Дар чаман баҳри тамошо эй гули раъно биё
Рӯзгоре шуд, ки чашми Сайидо маъвои туст,
Офтобе дар мақоми худ биё, танҳо биё

Сайидо Насафӣ бузургтарин шоири асри XVII ва ибтидои асри XVIII -и тоҷик аст. Соли таваллудаш маълум нест. Ачдоди у аз Насаф (Карши) буда, вале худаш дар Бухоро дар оилаи хунарманди камбизоат ба дунё омадааст. Зиндагии Сайидо Насафӣ дар аиёми чавони нихоят душвор ва пурмашаккат гузаштааст. Ваи дар Бухоро ба тахсил шуруъ карда, дар яке аз хучраҳои мадрасаи Лаби Хавзи Нодир Девонбеги маскан гирифта, то охири умр дар он чо зиндаги кард. Ҳангоми тахсил ба омузиши илмҳои фалсафа, ахлок, мусики, бадеъ машгул шудааст. Зиндагии Сайидо Насафӣ ҳангоми тахсил дар мадраса ва солҳои аввали хатми он нисбатан осудахолона мегузашт, зеро он вакт дустони хунармандаш ба у ёрии модди мерасонданд. Махорати адабии у дар хамин давра такмил ёфта, бехтарин осори дилпазиру пурмазмунаш дар хамин аиём офарида шудаанд. Ашъораш дар баини мардум пахн гардида, хамчун шоири тавоно ном баровард. Сайидо Насафӣ шоири касби гардид, вале ин боиси аз баин рафтани некуахволии у шуд. Сайидо Насафӣ ба сабаби бенавои ва мухточӣ мехост, ки бо кумаки соҳибдавлате ба «ному нон» соҳиб шавад. Ва у бо баъзе амалдорони давлати робита паидо карда, дар сухбату мачлисҳои онхо иштирок мекунад. Сайидо Насафӣ бо ҳокими Самарканд Рахимбои робита дошта, аз у кумаки модди дидааст. Чунон ки аз тазкираи Малехо маълум мешавад, Сайидо Насафӣ бо даъвати Рахимби ду бор ба Самарканд рафта, зимнан, бо шоирону фозилони он чо хамсухбат гаштааст. Вале мансабдорони мазкур он соҳибдавлатони суханшиносу хунарпарвар набуданд, ки шоир мечуст. Аз ин чост, ки Сайидо Насафӣ карор медихад, аз арбобони давлат «дасти матлаб» -и худро кутах кунад ва аз дари онхо пояшро канад

Сайидо Насафӣ низ мисли бисёр ахли илму адаби он замон аз тангии рӯзгор ба андешаи сафари Ҳиндустон афтод. Вале аз сабаби дил канда натавонистан аз ватан ва хамчунин фаро расидани пири ба Хинд сафар накард. Бекадрии шеъру шоири дар назди хукуматдорон Сайидоро дар аиёми пири ба гушанишини водор кард. Вале гушанишинии у маънии мардумгурезиро надошт. Шоир факат бо табакаи хукумрон катъи робита намуда, ба гӯшаи каноат нишаст. Сайидо Насафӣ дар гушанишини аз ризку рӯзии «таваккали» тадричан канда шуд ва шоир бе маблаг ва воситаи рӯзгузарони монд. Аз тарафи дигар Сайидо Насафӣ аз хаёти хилватнишинии худ дилгир шуда буд, аз шавки зиндаги ва иштиёки дидори дустон, ба гуфти худаш «дилаш даруни сина метапид». Зеро Сайидо шоири зиндадил буд, бо хаёт ва ахли чамъият паиванди зич дошт. Инак, шоир карор медихад, ки гушанишиниро тарк карда, ба суи «бозор» равад, яъне ба чуши зиндаги ворид шавад:

Хосил нашуд зи гушанишини муроди ман,
Худро зи хона бар сари бозор мекашам.
Он ки мегиряд ба холам, чашми хунини ман аст,
В-он ки бардорад сарам аз хок, болини ман аст.
Гул ба гулшан даьвии соҳибкамоли мекунад,
Ҳар ки зар дорад, таманноҳои олӣ мекунад.
Хар ки худро мекунад дар базми нодонон сифат,
Пеши курон даьвии соҳибчамоли мекунад.
Дар мухаббат тифли ашкам гавхари дил мешавад,
Чун мурабби шуд падар, фарзанд кобил мешавад.

Бино ба маълумоти "Убаидуллонома " маьлум мешавад, ки Сайидо Насафӣ соли 1707 хануз зинда буда, хамон сол дар мадхи Убаидуллохон (1702—1711) касидае гуфтааст. Муаллифи ин

сарчашма хамчунин дар замони хукумронии хони мазкур аз хаёт чашм пушидани шоирро каид кардаст. Аз ин ру, вафоти у баини солҳои 1707—1711 иттифок афтодааст.

## Эҷодиёти Сайидо Насафӣ[вироиш]

Сайидо Насафӣ аз худ осори баландмазмуну рангини фаровон мерос гузаштааст, ки онхо аз чумлаи дурдонаҳои таьрихи адабиёти тоҷик хисоб меёбанд. Мероси адабии Сайидо Насафӣ, ки ба шакли куллиёт ва девони ашьор фароҳам омада, то замони мо расидааст, аз ғазалиёт, касидаву маснавихо, мухаммасу мусаддас, рубоиёту китъахо, асари тамсилии «Бахориёт», "Шаҳрощуб"иборат буда, 8500 байтро дар бар мегирад. Куллиёти Сайидо Насафӣ бо ғазал огоз шуда , қисми бештари мачмуаро ташкил медихад ва шумораи он ба 550 мерасад, Сайидо Насафӣ дар ғазал анъанаҳои шоирони маьруфи гузаштаро давом дода, ба мавзӯъ, мазмун ва шакли он тозакори дохил кардааст. Вай аз имкониятҳои ғазал моҳирона истифода бурда,дар доираи он мавзӯъҳои танкиди замон ва ахли он, таргиби касбу хунар, хаёти мушкили захматкашон, ахволи халқу мамлакат ва гайрахоро баён кардааст. Нуктаи басо мӯҳими эҷодиёти Сайидо Насафӣ боварии у ба кудрати азими халқ мебошад . У ахли ситамро огох мекунад, ки хар касе ба душмании халқ кор кунад, сари худро мехурад:

Хар ки бо душмании халқ равон аст чу бахр,
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хурад.

Дар асари тамсилии “Бахориёт” ("ҳайвонотнома ")-и Сайидо Насафӣ низ гояи иттифоку ягонагии халқ баён шудаст. Ин гоя дар асари мазкур ба шакли тамсил, яьне ба воситаи амалиёт ва гуфтори ҳайвонот ифода гардидааст . Мундаричаи "Бахориёт "-ро бахсу мунозираи 18 ҳайвон ташкил кардааст. Хар як ҳайвон хислатҳои бади ҳайвони дигарро баён карда, баьд ба таърифи худ мепардозад . Сайидо Насафӣ дар образи ҳайвонот хислатҳои хоси намояндагони табакаҳои гуногуни чамъияти замони худро иньикос намудааст . Сайидо Насафӣ бахшида ба хаёти халқи мехнаткаш, хунармандон асаре дорад, ки бо номи «Шаҳрошуб» машхур аст ва дорои 405 байт мебошад. «Шаҳрошуб» жанри махсуси назм аст, ки ба таъриф ё танкиди гурӯҳи муайяни чамъияти шаҳр бахшида шудааст. Сайидо Насафӣ, ки худ намояндаи табакаи мехнатӣ буд, дар «Шаҳрошуб» -аш хунармандону косибонро васф кардааст. Забони асарҳои Сайидо Насафӣ аз забони зиндаи гуфтугуи сарчашма гирифтааст. У сухансароест, ки забони шеъри классикии тоҷикро ба забони гуфугуии халқ наздик кардааст . Забони осори Сайидо Насафӣ ба сабаби алокаи наздик ва омезиши худ бо забони гуфтугуй ба забони имрӯзаи тоҷик каробат дорад. Сайидо Насафӣ гуё бо забон ва тарзи баёни имрӯзаи тоҷик шеър гуфтааст.

Шамъ баъд аз куштани парвона касди худ кунад,
Хуни нохак шуьлаи домони котил мешавад.
Дар ҷаҳон аз химмати пирон бичу роҳи начод,
Комати хамгашта бар дарёи оташ пул шавад .
Зи дунё хар ки шуд лабрез, умраш бебако гардад,
Чу кишти пур шавад аз об, гирдоби фано гардад.
Шудам пиру намеояд бурун гахвора аз ёдам,
Кадам дар мулки хасти то ниходам, хонабардушам.